**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Калима ва истилоҳ дар таркиби луғавии ҳар як забон ҷойгоҳи густурдаеро касб намуда, дорои як қатор вижагиҳои фарққунандаи функсионалӣ, генетикӣ-таркибӣ, луғавӣ-маъноӣ ва сарфӣ мебошад. Яке аз аломатҳо ва унсурҳои хоси истилоҳ ин ташкили сохти он ба шумор меравад. Дар замони муосир ҳар як соҳаи мушаххаси ҷомеа ба номгӯйи нав ниёз дошта, аз соҳибони забон тақозо мекунад, ки онҳоро дар сатҳи зарурӣ ба кор баранд.

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як қатор калимоте ба вуҷуд омаданд, ки корбурди онҳо танҳо дар ин ё он соҳаи илм рост меояд. Адабиёт низ як ҷузъи фарҳанг аз маҷмӯи вожаву истилоҳоти ба худ хос иборат буда, он имрӯзҳо ба дастандаркорони аҳли каломи бадеъ ва ба тамоми ҳаводорони ин риштаи илму адаб хидмати босазоеро хоҳад кард.

Бояд гуфт, ки муқоисаи истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқ дар бахши забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ ба шумор меравад. Ҳамин тавр, диссертатсияи номзадии Ҷӯраев Хайём Акрамович дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳоиноравшани мавзӯъро бар мабнои усули муқоиса мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз ин рӯ, муҳаққиқ диссертатсияро аз мубрамияти мавзӯъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани муқоисаи истилоҳоти адабиётшиносӣ оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки мавзӯи фавқ аз ҷониби адабиётшиносони маъруфи тоҷик кайҳо боз дар шакли вожаномаву фарҳангнома пажӯҳиш гадида, то ин замон ба таҳқиқи муқоисавии он ба забони англисӣ диссертатсия таълиф нагардидааст ва онро метавон нахустаҳқиқ ҳисобид.

Диссертатсия номзадии Ҷӯраев Хайём Акрамович дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз муқаддима, се боб, 14 фасл, хулосаву феҳристи адабиёт ва замима иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф хонандаро ба мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назараиявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими диссертатсия, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ошно месозад.

Дар боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои назариявии таҳқиқоти истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забоншиносӣ»** масъалаҳое ба монанди мафҳуми «истилоҳ», тафовути истилоҳ аз вожа, сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, назари мутафаккирону донишмандони асрҳои миёна перомуни истилоҳоти адабиётшиносии забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби мазкур аз чор фасл иборат аст. Фасли якум – **«Роҷеъ ба мафҳуми истилоҳ дар забоншиносӣ»** унвон дошта, муҳаққиқ моро бо шарҳи истилоҳ аз дидгоҳи забоншиносони тоҷику рус ва хориҷ ошно сохта, таъкид бар он

мекунад, ки фикру андешаҳои эшон перомуни таърифи истилоҳ якранг нест. Боиси хурсандӣ ҳам аст, ки муаллифи диссертатсия дар баъзе лаҳзаҳои ба фикру андешаи худ устувор монда, назари мушаххаси худро роҷеъ ба истилоҳ баён месозад.

Як нуктаро мебояд тазаккур дод, ки диссертатсияи муаллиф аз таҳқиқоти қаблии дар риштаи муқоисавӣ таълифёфта дар он аст, ки муҳаққиқ истилоҳоти ҷамъовардаи худро вобаста ба кадом забон мансубият доштананшон ба риштаи таҳқиқ кашида, онҳоро ба тариқи ҷадвал ҳамчун маълумоти оморӣ овардааст.

Дар фаслҳои минбаъдаи боби мазкур муаллифи диссертатсия зарурати таҳқиқи мавзӯи фавқро баён менамояд. Ба қавли муаллиф, сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои фавқуззикр маҳз асарҳои тадвиннамудаи мутафаккирони тоҷикуфорс ва англиси давраи асримиёнагӣ маҳсуб меёбанд.

Боби дуюми диссертатсия – «Таснифот ва таҳлили сохтории истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, дар он ҳар як истилоҳ аз нигоҳи мансубият ба ин ё он бахши адабиёт ва сохтору таркиб мавриди баррасии муфассал қарор мегирад. Муаллифи диссертатсия ҳамаи истилоҳоти ғункардаи худро ба нӯҳ навъ ҷудо карда, ҳар яки онҳоро дар қолаби вожасозӣ таҳлил мекунад, ки ин тарзи пажӯҳиш ҳусну қубҳи диссертатсияро хеле баланд намудааст.

Дар боби сеюм – «Таҳлили луғавӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» истилоҳоти бахши мазкур аз лиҳози маъно баррасӣ мешаванд. Ба падидаҳои сермаъноӣ, ҳамгунагӣ, муродифӣ ва тазодӣ дучор омадани истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои фавқуззикр таҳқиқ мешаванд. Масъалаи иқтибосшавӣ ва мансубияти истилоҳот ба ин ё он ҳиссаи нутқ низ дар боби мазкур аз тарафи муаллиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллифи рисола, миқдори зиёди истилоҳоти адабиётшиносии забони тоҷикиро истилоҳоти аз забони арабӣ воридшуда созмон медиҳад, ки имрӯз ҳам дар адабиёт роиҷ мебошанд. Дар забони англисӣ ин рисолатро забонҳои лотиниву юнонӣ ва франсавӣ ба сомон мерасонанд.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси унвонҷӯ ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои дар диссертатсия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки он аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Диссертатсияи илмии Ҷӯраев Хайём Акрамович дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи диссертатсия муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия мазкур барои хондани курси «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Луғатшиносӣ», «Истилоҳшиносӣ» ва «Адабиёти Англия ва ИМА» метавонад мусоидат намояд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим фишурдаи диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Муаллиф дар диссертатсия иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, агар ӯ назари танқидии худро баён менамуд хуб мешуд.

2. Дар бархе аз саҳифаҳои кор (саҳ. 8,9,11) сарчашмаҳои иқтибосгардида нишон дода нашудааст ё ин ки муаллиф тарҷумаи ибораву ҷумлаҳоро ба пуррагӣ мушаххас накардааст.

Дар маҷмӯъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ баратараф хоҳанд шуд.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 - уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҷӯраев Хайём Акрамович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Мудири кафедраи таърихи забон
ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илми филология,
дотсент Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ
Тел.: (+992) 918 808467; e-mail: salomov1967@mail.ru

Имзои Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюмро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Эмомалӣ

15. 05. 2019 с.